# ШАРҲИ НИЗОМИ МОЛИЯВИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СЕМОҲАИ ДУЮМИ СОЛИ 2018

Дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 30 июни соли 2018 дар маҷмуъ 82 ташкилоти қарзӣ, 19 ташкилоти суғуртавӣ, 7 ташкилоти лизингӣ, 16 ломбард, 2 биржа (Биржаи фондии Осиёи Марказӣ ва Биржаи фондии Осиё), Фонди дастгирии соҳибкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (Фонди дастгирии соҳибкорӣ) ва Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (АСИН) фаъолият менамоянд.

Дар санаи ҳисоботӣ дороиҳои умумии низоми молиявӣ дар маҷмуъ ба 21,5 млрд. сомонӣ баробар гардид, ки дар муқоиса ба нимсолаи якуми соли 2017 ба маблағи 986 млн. сомонӣ зиёд мебошад. Ба афзоиши дороиҳои низоми молиявӣ дар ин давра, зиёд шудани дороиҳои ташкилотҳои қарзӣ, Фонди дастгирии соҳибкорӣ, ташкилотҳои лизингӣ ва ташкилотҳои суғуртавӣ мусоидат намуд. Нишондиҳандаи дороиҳои низоми молиявӣ нисбат ба маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар ин давра ба 33,2 фоиз баробар гардид.

Дар сохтори низоми молиявии кишвар низоми бонкӣ ҳиссаи назаррас дошта, дар давраи ҳисоботӣ дороиҳои он 96,4 фоизи дороиҳои умумии низоми молиявиро ташкил намуд. Танҳо 3,6 фоизи дороиҳои низоми молиявӣ ба ташкилотҳои суғуртавӣ (1,5 фоиз), ташкилотҳои лизингӣ (1,1 фоиз) ва Фонди дастгирии соҳибкорӣ (1,0 фоиз) рост меоянд.

***Сохтори низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон***

| | 30.06.2017 | | | 30.06.2018 | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Шумора | дороиҳо (млн. сомонӣ) | (% аз ҷамъ) | Шумора | дороиҳо (млн. сомонӣ) | (% аз ҷамъ) | Афзоиши дороиҳо (%) |
| **Ташкилотҳои қарзӣ** | **97** | **19 884** | ***96,9*** | **82** | **20 737** | **96,4** | **4,3** |
| ***Бонкҳо*** | ***16*** | ***17 281*** | ***84,2*** | ***17*** | ***17 858*** | ***83,0*** | ***3,3*** |
| *Бонкҳои давлатӣ* | *3* | *9 320* | *45,4* | *3* | *9 545* | *44,4* | *2,4* |
| *Бонкҳои хориҷӣ* | *6* | *1 752* | *8,5* | *6* | *1 904* | *8,8* | *8,7* |
| *Бонкҳои дигар* | *7* | *6 210* | *30,3* | *8* | *6 409* | *29,8* | *3,2* |
| ***Ташкилотҳои маблаггузории хурд*** | ***81*** | ***2 603*** | ***12,7*** | ***65*** | ***2 880*** | ***13,4*** | ***10,6*** |
| *Ташкилотҳои амонатӣ қарзии хурд* | *34* | *2 252* | *11,0* | *26* | *2 431* | *11,3* | *8,0* |
| *Ташкилотҳои қарзии хурд* | *13* | *175* | *0,9* | *7* | *184* | *0,9* | *5,5* |
| *Фондҳои қарзии хурд* | *34* | *176* | *0,9* | *32* | *264* | *1,2* | *49,8* |
| **Ташкилотҳои суғуртавӣ** | **18** | **311** | **1,5** | **19** | **328** | 1,5 | **5,3** |
| **Ташкилотҳои лизингӣ** | **11** | **187** | **0,9** | **7** | **227** | 1,1 | **21,3** |
| **Ташкилотҳои ломбардӣ** | **16** | | | **16** | | | |
| **Биржаҳои фондӣ** | **1** | | | **2** | | | |
| **Фонди дастгирии соҳибкорӣ** | **1** | **145** | **0,7** | **1** | **222** | 1,0 | **52,9** |
| **АСИН** | **1** | | | **1** | | | |
| ***Ҳамагӣ:*** | ***145*** | ***20 527*** | **100** | ***128*** | ***21 513*** | **100** | ***4,8*** |

Низоми бонкии кишвар аз бонкҳо ва ташкилотҳои маблағгузории хурд (ташкилотҳои амонатии қарзии хурд, ташкилотҳои қарзии хурд ва фондҳои қарзии хурд) иборат буда, дар нимсолаи аввали соли 2018 дороиҳои онҳо ба 20 737 млн. сомонӣ баробар гардид, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта ба андозаи 4,3 фоиз зиёд мебошад.

Дороиҳои ташкилотҳои суғуртавӣ бошад, вобаста ба зиёд шудани маблағи мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) ва сармояи баъзе аз ташкилотҳои суғуртавӣ, ба андозаи 5,3 фоиз афзуда, маблағи 328 млн. сомониро ташкил намуд.

Дар давраи ҳисоботӣ дороиҳои Фонди дастгирии соҳибкорӣ дар муқоиса ба ҳамин давраи соли қаблӣ ба андозаи 52,9 фоиз афзуда, ба 222 млн. сомонӣ баробар гардид.

Қобили қайд аст, ки моҳи июни соли 2018 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон биржаи нав – ҶСК "Биржаи фондии Осиё" ба фаъолият оғоз намуд. Ҳадаф аз таъсис ёфтани биржаи мазкур рушди инфрасохтор ва фазои сармоягузорӣ дар кишвар мебошад.

Бинобар дастрас набудани маълумоти муфассал, фаъолияти Биржаи фондии Осиёи Марказӣ, Биржаи фондии Осиё, АСИН, ташкилотҳои лизингӣ ва ломбардҳо мавриди таҳлил қарор дода нашуданд.